Амонатбонк-бонки мардумии Тоҷикистон

Варақаи иттилоотӣ

ПРЕСС-РЕЛИЗ

Душанбе-2018с.

(НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ ШАШ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ 2018)

www.amonatbonk.tj

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар нимсолаи якуми соли 2018 фаъолияти худро дар радифи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санаду меъёрҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Самтҳои асосии фаъолияти Бонк барои соли 2018”, “Консепсияи рушди БДА ҶТ “Амонатбонк” барои солҳои 2016-2020” ва “Нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ барои соли 2018” амалӣ намуд.

Амонатбонк ба зиёда аз 18 ҳазор корхонаю ташкилотҳо, 699,8 ҳазор нафар нафақагирони мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 1,5 млн. нафар пасандозгузорон тавассути 554 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ, 75 филиал бо шумораи наздики 3 ҳазор нафар кормандон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хизматрасонӣ менамояд.

Ба санаи 30 июни соли 2018 дороиҳои Бонк маблағи 3,9 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба андозаи 25,5% афзудааст. Пардохтпазирии Бонк дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шуда, маблағҳо сари вақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Ҳаҷми сармояи Бонк маблағи 378,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 13,3% зиёд мебошад. Даромади софи Бонк дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 20% тамоюли афзуншавӣ дошта, 17,9 млн.сомониро ташкил намудааст.

Бонк дар ин давра, дар маҷмӯъ аз рӯи фаъолияти худ ба андозаи 23,5 млн. сомонӣ маблағҳои андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатӣ пардохт намудааст.

Тавассути филиалҳои Бонк маблағҳои андозу пардохтҳои ҳатмӣ қабул ва ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида мешаванд. Ин хизматрасонӣ, ки бевосита барои ғанӣ гардонидани Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, иҷрои босифату саривақтиро талаб менамояд. То имрӯз фаъолияти Бонк дар ин самт муътадил нигоҳ дошта шудааст.

Дар ин давра ба суратҳисобҳои транзитии буҷети давлатӣ андозу пардохтҳои ҳатмӣ ба маблағи 1 272 млн. сомонӣ ва маблағҳои саҳмияҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳаҷми 1 186 млн. сомонӣ ворид шуда, ба суратҳисобҳои марбута сари вақт гузаронида шуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 10,2% ва 8,1% зиёд мебошад.

Имрӯзҳо 230 адад маркази хизматрасонии филиалҳои Амонатбонки шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба барномаи “Қабули пардохтҳои ҳатмӣ” пайваст шуда, дар 500 нуқтаи савдо Бонк бо мақсади шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, танзими

муомилоти нақдӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, терминалҳои худро насб намудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 245 адад зиёд мебошад.

Бонк бо мақсади таъмини шаффофияти ҳисоботҳо, пешгирии хавфҳои амалиётӣ ва омилҳои инсонӣ, барномаи автоматикунонидашудаи ҳисоббаробаркуниҳои фаврӣ "Бархати пардохтҳо"-ро барои қабули маблағҳои қувваи барқ, об ва дигар хизматрасониҳо дар 250 нуқтаҳои хизматрасонии Бонк шомил кардааст.

Ҳамкориҳои Амонатбонк бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар идома дошта, то ба имрӯз Бонк 64 млн.доллари ИМА ҷалб намудааст. Бо истифодаи маблағҳои қарзӣ дар 23 шаҳру ноҳияи кишвар 46 лоиҳаи сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат амалӣ шуда истодааст.

Бонк дар маҷмӯъ аз ҳисоби маблағгузориҳои дохилию хориҷӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба маблағи 121,3 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,2 маротиба зиёд мебошад. Ҳамчунин дар ин давра шумораи қарзгирон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5 маротиба афзоиш ёфт, ки ин пеш аз ҳама бо сабаби зиёд шудани муштариён дар самти дастрас намудани қарзҳои изофабардошт (овердрафтӣ) тавассути кортҳои бонкӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки қарзҳои изофабардошт (овердрафтӣ) тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ асосан барои дастгирии мардуми ҷумҳурӣ, хусусан кормандони соҳаи буҷетӣ ба роҳ монда шуда, истифодабарии он хело қуллайю дастрас мебошад.

Ҳамчунин, тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Вазорати молияи ҷумҳурӣ дар давраи ҳисоботӣ ба омӯзгорони ҷавон таҳти 3%-и солона ва муҳофизони ихтиёрию экологӣ қарзҳои дарозмуддати имтиёзноки бефоиз пешниҳод шудааст.

Дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар маҷмуъ то ба имрӯз ба 155 нафар соҳибкорон дар ҳаҷми 196,2 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

Бақияи сандуқи қарзии Бонк ба санаи 30 июни соли 2018 дар ҳаҷми 835,3 млн. сомонӣ дар истифодаи 19,9 ҳазор нафар муштариён қарор дорад.

Дар иртибот ба эълон гардидани соли 2018 " Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", Бонк ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи сайёҳии мамлакат, эҳё намудани анъанаҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ, аз зумраи қолинбофӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ, меъморӣ, асбобсозӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, ҷомадӯзӣ, ҷуроббофӣ ва ғайраҳо аз ҳисоби захираҳои худӣ 2,8 млн. сомонӣ ҷудо намудааст, ки 1,7 млн. сомонии он ба муштариён дастрас гардид ва ин иқдомро Бонк дар давраҳои минбаъда низ идома медиҳад.

Фаъолияти Амонатбонк дар самти дарёфти сарчашмаҳо барои пешниҳоди маблағҳои қарзӣ, ки заминаи асосии он ба даст овардани боварии мардум ба бонкҳо мебошад, рӯз аз рӯз васеъ гардида истодааст.

Ин аст, ки ба санаи 30 июни соли 2018 бақияи амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Бонк 3 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 30,1% афзоиш ёфтааст.

Ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ 42%-и ҳамаи амонатҳои ҷалбгардидаро ташкил менамояд.

Фоизҳои ба аҳолӣ пардохташуда дар соли ҳисоботӣ маблағи 42,7 млн. сомониро ташкил намуд, он албатта ба сатҳи даромади аҳолӣ ва ҳамзамон баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии онҳо, ки умдатарин ҳадафи Бонк мебошад, мусоидат хоҳад кард.

Филиалҳои Бонк 754,7 млн.сомонӣ маблағҳои коммуналиро аз аҳолӣ қабул намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20% зиёд мебошад.

Амонатбонк бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, зиёд намудани ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ, танзими муомилоти нақдӣ ва дар ин замина устувор нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, дар маҷмӯъ бо 7438 адад ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ҷиҳати гузаштан ба лоиҳаи “Музди меҳнат” тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ҳамкориро ба роҳ мондааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 122 адад зиёд мебошад.

Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба зиёда аз 1,4 млн. нафар расидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2017 121,5 ҳазор нафар ва ё 9,5% зиёд мебошад.

Ба ҳолати 30 июни соли 2018 Амонатбонк ба шумораи умумии 678,7 ҳазор нафақагирони мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ бо талаботи маблағи моҳонаи 188,5 млн. сомонӣ ва 21,1 ҳазор нафақагирони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо талаботи маблағи моҳонаи 13,3 млн. сомонӣ хизматрасонӣ намудааст.

Вобаста ба зиёд шудани шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ, хусусан кортҳои нафақавӣ, теъдоди банкоматҳо ба 222 адад ва постерминалҳо ба 1380 адад расонида шуд.

Бо мақсади боз ҳам дастрас намудани хизматрасониҳои бонкӣ, вобаста ба талаботҳои имрӯзаи аҳолӣ, Амонатбонк дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 16 марказҳои хизматрасонии бонкиро ба ҷойҳои сераҳолӣ кӯчонид.

Ҳамзамон бо ин, 4 нуқтаи хизматрасониро дар шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадии вилояти Суғд, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Панҷакент, Мастчоҳ ва Спитамен, инчунин 10 адад хазинаҳои бегоҳӣ ва шабона дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Исфара, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ таъсис дода шуд, ки 24 соат ба аҳолӣ ва сайёҳон хизматрасониҳои гуногуни бонкиро пешниҳод намуда истодаанд.

Бонк ҷиҳати ҷорӣ намудани маҳсулотҳои нави бонкӣ ва дар ин замина боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо, аз 1 марти соли 2018 хизматрасонии интернетбонкингро барои шахсони воқеӣ ҷорӣ намуд, ки он барои амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз қабили пардохти андоз, ҳаққи қувваи барқ ва дигар пардохтҳо тавассути шабакаи интернетӣ дар дохили ҷумҳурӣ имконият медиҳад.

Айни замон, дар Амонатбонк 1013 нафар занон фаъолият доранд, ки 40%-и шумораи умумии кормандони соҳибтахассусро ташкил медиҳанд. Роҳбарияти Бонк тасмим гирифтааст, ки дар ду соли охир шумораи занонро дар сатҳи роҳбарикунанда ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ боз ҳам зиёд намояд.

Роҳбарияти Бонк нисбат ба бозомӯзии мутахассисон, бахусус ҷавонон, ки ояндасозони Ватани азизамон ҳастанд, диққати махсус зоҳир менамояд. Имрӯзҳо

мутахассисони ҷавони Бонк дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои молия, бонкдорӣ ва забономӯзӣ таҳсил намуда истода, сатҳи тахассусии худро такмил дода истодаанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2018 дар семинар - машваратҳое, ки дар марказҳои гуногуни таълимии ҷумҳурӣ баргузор гардиданд, 77 нафар кормандони Бонк дар шаҳри Душанбе ва 6 нафар дар хориҷи кишвар таҷрибаомӯзӣ намуданд.

Ҳамзамон бо ин, дар дастгоҳи марказӣ ва филиалҳои Амонатбонк семинару машваратҳо дар мавзуҳои гуногуни бонкӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо 962 нафар кормандони Бонк иштирок намуданд.

Бо мақсади саҳмгузорӣ дар баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ, Амонатбонк дар чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ, ки рӯзи 17 марти соли 2018 дар Боғи Ирами шаҳри Душанбе бахшида ба эълон шудани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”баргузор гардида буд, иштирок намуда, маҳсулотҳои молиявии худро дар самти қарздиҳӣ, ҷалби амонату пасандозҳо, хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ, интиқоли маблағҳо, интернетбонкинг ва дигар хизматрасониҳо ба аҳолӣ пешниҳод намуд.

Бонк дастгирии шахсони ниёзмандро яке аз умдатарин ҳадафҳои худ қарор дода, ҳамасола дар арафаи ҷашну маросимҳо ва идҳои миллӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ дар доираи имкониятҳо кӯмакҳои молиявӣ мерасонад.

Амонатбонк дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, №АП-983 барои аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудан, ба мактаб-интернати №1-и (ятимон) шаҳри Душанбе вобаста карда шудааст.

Бонк дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз ва моҳи шарифи Рамазон ба тарбиятгирандагони мактаб-интернати мазкур лавозимот барои ошхона, сарулибоси варзишии тобистона ва дигар лавозимотҳои рӯзғорро дастрас намуд.

Инчунин, вобаста ба ворид гардидани мактубҳои дархостӣ оид ба расонидани кумаки молиявӣ аз ҷониби шаҳрвандони ҷумҳурӣ, корманди масъули Бонк шахсан аз вазъи воқеии шахси муроҷиаткунанда дидан менамояд ва бо назардошти имкониятҳои молиявии Бонк кумакҳои молиявӣ ҷудо карда мешаванд.

Амонатбонк минбаъд ҳам, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои таъхирнопазир андешида, кӯшиш менамояд, ки дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишвар саҳми арзандаи худро гузорад.

Маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти БДА ҶТ «Амонатбонк» метавонед дар сомонаи Бонк www.amonatbonk.tj дастрас намоед.